| | |
|---|---|
| Эсхата | **«Тасдиқ шудааст»**<br>Аз тарафи Кумитаи бизнес ва тарофаҳои ҶСК «Бонки Эсхата»<br>Пайнавишти<br>№14/26 аз 12.05.2026 |

# НИЗОМНОМА Н-157:2026

оид ба гузаронидани аксияи

«Тилло бурд намоед»

(Таҳрири 01

**Мавриди амал аз 15.05.2026**

## 1. Муқаррароти умумӣ

Низомномаи мазкур мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби гузаронидани Аксияи «Тилло бурд намоед» (минбаъд – Аксия)-ро муайян намуда, қоидаву шартҳо ва талаботҳоро барои гузаронидани Аксия муқаррар мекунад ва ба танзим медарорад.

## 2. Мақсади низомнома

2.1. Мақсади гузаронидани Аксия ин зиёд намудани ҳаҷми интиқолҳои воридотии фаромарзӣ ва афзоиш додани фаъолияти транзаксионӣ аз рӯи кортҳои дебетӣ тавассути ҷалби муштариёни қабулкунандаи интиқолҳо бо анҷом додани амалиётҳои ғайринақдӣ ва ташаккули модели устувори истифодаи маблағҳои воридшуда дар гардиши ғайринақдӣ мебошад.

2.2. Аксия ин «лотерея» (аз чумла лотереяи электрони) намебошад ва бо мақсади рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ гузаронида мешавад. Иштирокчии Аксия метавонад бе хариди билет ё пардохти маблағи иловагӣ ба манфиати Бонк, дар Аксия иштирок намояд.

2.3. Аксия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

## 3. Истилоҳҳо ва ихтисорҳо

**Бонк/ Ташкилкунанда** - ҶСК «Бонки Эсхата».

**Аксия** – чорабинии махсуси Ташкилкунанда дар доираи Низомномаи мазкур.

**Интиқоли воридотии фаромарзӣ** – ворид намудани маблағ ба корти дебетии ҶСК «Бонки Эсхата», ки аз Федератсияи Русия тавассути рақами телефон (бо истифода аз системаҳои интиқоли шарикон) анҷом дода мешавад, ба шарте ки корти қабулкунанда аз ҷониби ҶСК «Бонки Эсхата» бароварда шудааст.

**Муайян намудани ғолибони Аксия** – тартибе, ки аз ҷониби Ташкилкунанда гузаронида шуда, дар натиҷаи он ғолибони Аксия муайян карда мешаванд.

**Иштирокчии Аксия –** шахси воқеӣ, ки дорандаи корти дебетии Бонк мебошад.

**Мукофот (Приз) –** подоше, ки ба ғолиби Аксия дода мешавад**.**

**Фонди мукофотии Аксия** – маҷмӯи мукофотҳо, ки мувофиқи қисми 6-и ҳамин Низом пешбинӣ шудаанд.

**Эсхата Онлайн – Эсхата онлайн** – ҳамёни мобилӣ (барномаи фосилавии бонкӣ).

**Пардохт/транзаксия** – хориҷ намудани маблағ аз корт тавассути POS-терминалҳо, QR-и ягона, e-commerce ва замимаи мобилии Бонк.

## 4. Талаботҳои асосӣ

4.1. Иштирокчиёни Аксия метавонанд шахсони воқеие бошанд, ки дорои корти дебетии Бонк мебошанд.

4.2. Дар Аксия иштирок намекунанд:

- кормандони Бонк;
- шахсони вобаста;
- муштариёне, ки амалиётҳои онҳо дорои аломатҳои эҳтимолии қаллобӣ мебошанд;
- муштариёне, ки ба рӯйхатҳои шахсоне дохил шудаанд, ки нисбаташон маҳдудиятҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

4.3. Иштирок дар Аксия ба таври автоматӣ сурат мегирад ва қайди иловагиро талаб намекунад.

Иштирокчиёни Аксия муштариёни Бонк ба ҳисоб мераванд, ки:

- интиқол(ҳо)-и воридотии фаромарзиро ба корти дебетии Бонк ба маблағи 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ ва бештар дар маҷмӯъ дар давоми марҳилаи дахлдори Аксия гирифтаанд;
- амалиётҳои дар банди 4.4 Низомномаи мазкур пешбинишударо анҷом додаанд.

4.3.1. Огоҳ намудани муштариён дар бораи эътироф гардидани онҳо ҳамчун иштирокчиёни Аксия аз ҷониби Бонк ҳангоми иҷрои шартҳои дар банди 4.3 Низомномаи мазкур пешбинишуда амалӣ карда мешавад. Огоҳонӣ тавассути push-огоҳинома дар барномаи мобилии «Эсхата Онлайн» ирсол карда мешавад. Дар ҳолате, ки муштарӣ ба барномаи мобилии «Эсхата Онлайн» пайваст набошад, огоҳонӣ тавассути SMS-паём ирсол карда мешавад.

4.4. Дар Аксия амалиётҳои зерин ба назар гирифта мешаванд, ба шарте ки маблағ мустақиман аз корти дебетӣ ҳисоббарорӣ карда шавад:

4.4.1. Шартҳои ҳатмӣ барои иштирок дар Аксия:

- Иштирокчии Аксия муштарие ба ҳисоб меравад, ки интиқоли(ҳо)-и воридотии фаромарзиро ба корти дебетии Бонк ба маблағи на камтар аз 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ дар маҷмӯъ дар давоми марҳилаи дахлдори Аксия қабул намудааст;
- Зери мафҳуми интиқоли воридотӣ интиқоле фаҳмида мешавад, ки аз Федератсияи Русия тавассути рақами телефон (бо истифода аз системаҳои шарики интиқолҳо), инчунин тавассути хизматрасонии Visa Direct анҷом дода шудааст;
- Муштарие, ки шарти мазкурро иҷро накардааст, ҳамчун иштирокчии Аксия эътироф намешавад ва ба иштирок дар интихоби ғолибон роҳ дода намешавад..

4.4.2. Шартҳои иштирок дар марҳилаи Аксия.

Иштирокчии Аксия, ки шарти дар банди 4.4.1-и ҳамин Низомнома пешбинишударо иҷро намудааст, бояд дар давоми марҳилаи дахлдори Аксия:

- Амалиётҳои ғайринақдиро ба маблағи на камтар аз 100 (сад) сомонӣ барои ҳар як амалиёт анҷом диҳад;
- Амалиётҳоро тавассути ҳисоббарории маблағ аз корти дебетии Бонк анҷом диҳад.

4.4.3. Шартҳо оид ба фаъолияти транзаксионӣ:

- Пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути POS-терминалҳо;
- Пардохтҳо тавассути QR-и ягона;
- Пардохтҳо дар сомонаҳои e-commerce;
- Пардохтҳо тавассути замимаи мобилии Бонк «Эсхата Онлайн».

4.5. Дар Аксия иштирок намекунанд:

- амалиётҳои гирифтани пули нақд;
- интиқолҳо байни кортҳо/ҳамёнҳо;
- амалиётҳое, ки бо баргардонидани минбаъдаи маблағ анҷом меёбанд;
- амалиётҳое, ки ҳамчун қаллобона эътироф шудаанд.

4.5.1. Дар як POS-терминал дар давоми як рӯз на бештар аз 3 амалиёт ба ҳисоб гирифта мешавад.

4.6. Давраи умумии Аксия: аз 15 майи соли 2026 то 14 августи соли 2026.

4.6.1. Аксия дар марҳилаҳо баргузор гардида, даврҳои он ба таври зерин муайян карда мешаванд:

- Марҳилаи 1: аз 15 майи соли 2026 то 14 июни соли 2026;
- Марҳилаи 2: аз 15 июни соли 2026 то 14 июли соли 2026;
- Марҳилаи 3: аз 15 июли соли 2026 то 14 августи соли 2026.

4.6.2. Муҳлати ҷамъбасти натиҷаҳо аз рӯи ҳар як марҳилаи Аксия:

- барои Марҳилаи 1 — аз 20 июн то 30 июни соли 2026;
- барои Марҳилаи 2 — аз 20 июл то 31 июли соли 2026;
- барои Марҳилаи 3 — аз 20 август то 31 августи соли 2026.

4.7. Иштирокчиёни Аксия мутобиқи филиали барориши корт ба минтақаҳо ҷудо карда мешаванд.

4.7.1. Муайян намудани ғолибон дар ҳар яке аз минтақаҳои зерин алоҳида гузаронида мешавад:

- ш. Душанбе
- НТҶ (ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)
- Хатлон ва ВМКБ
- Суғд

4.7.2. Иштирокчӣ метавонад танҳо дар як минтақа иштирок намояд.

4.7.3. Дар ҳолате ки муштарӣ кортҳои аз филиалҳои гуногун баровардашуда дошта бошад, иштирокчӣ ба минтақаи филиали аввалини барориши корт вобаста карда мешавад.

4.7.4. Рӯйхати филиалҳое, ки ба минтақаҳои дахлдор дохил мешаванд, дар Замимаи 1 Низомномаи мазкур оварда шудааст.

## 5. Муайян намудани ғолибон

5.1. Пас аз анҷоми ҳар як марҳилаи Аксия рӯйхати иштирокчиёне тартиб дода мешавад, ки шартҳои пешбининамудаи банди 4.4-и ҳамин Низомномаро иҷро намудаанд.

5.2. Ба интихоб танҳо он иштирокчиёне роҳ дода мешаванд, ки шарти ҳатмиро иҷро намудаанд — гирифтани интиқоли(ҳо)-и воридотии фаромарзӣ ба маблағи на камтар аз 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ дар маҷмӯъ дар давоми марҳилаи дахлдори Аксия.

5.3. Аз рӯйхат иштирокчиёне хориҷ карда мешаванд, ки нисбат ба онҳо вайронкуниҳо, нишонаҳои сӯиистифода ё амалиётҳои ҳамчун қаллобона эътирофшуда муайян гардидаанд.

5.4. Ғолиб дар ҳар як минтақа аз байни иштирокчиёни роҳдодашуда дар асоси рейтинг муайян карда мешавад, ки бо тартиби зерин амалӣ мегардад:

- аз рӯи шумораи амалиётҳое, ки ба шартҳои банди 4.4-и Низомномаи мазкур мутобиқ мебошанд (меъёри асосӣ);
- дар ҳолате, ки шумораи амалиётҳо баробар бошад — аз рӯи маблағи умумии бештари амалиётҳо.

5.5. Аз рӯи натиҷаҳои ҳар як марҳилаи Аксия дар ҳар як минтақа 1 (як) ғолиб муайян карда мешавад.

5.6. Иштирокчие, ки дар яке аз марҳилаҳои Аксия ғолиб дониста шудааст, дар марҳилаҳои минбаъда барои муайян намудани ғолибон ба ҳисоб гирифта намешавад.

5.7. Иштирокчие, аз рӯи маҳсулоти амалкунандаи Бонк қарзи муҳлатгузашта дорад, дар лаҳзаи муайян намудани ғолибон наметавонад ғолиби Аксия эътироф карда шавад.

## 6. Фонди тухфаҳои Аксия

6.1. Фонди мукофотии Аксия — сабикаҳои тиллоӣ буда, дар шумораи зерин нишон дода шудаанд:

| № | Вазни сабика | Миқдор / дона | Арзиш барои як дона (сомонӣ)* | Арзиши умумӣ (сомонӣ) * |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 5 (панҷ) грамм | 4 (чор) | 7 488.88 | 29 955,52 |
| 2 | 10 (даҳ) грамм | 4 (чор) | 14 855.84 | 59 423,36 |
| 3 | 20 (бист) грамм | 4 (чор) | 29 578.25 | 118 313,13 |
| **ҲАМАГӢ** | | **12 дона** | | **207 692** |

* Арзиши сабикаҳо тибқи қурби фурӯши сабикаҳои тиллоии БМТ ба санаи 21.04.2026 нишон дода шуда, андозҳо ба назар гирифта нашудаанд.

6.1.1. Мукофотҳо дар намуди пулӣ пардохт карда намешаванд ва иваз намудани онҳо низ иҷозат дода намешавад.

6.1.2. Ҳаҷми умумии фонди мукофотии Аксия пешакӣ муайян шуда, вобаста ба арзиши воқеии сабикаҳои тиллоӣ дар санаи харид метавонад тағйир дода шавад.

6.2. Фонди мукофотии Аксия бо дарназардошти тақсимоти минтақавӣ ба 4 (чор) минтақа тақсим карда мешавад. Минтақаи иштирокчӣ аз рӯи филиали барориши корти бонкӣ муайян карда мешавад.

6.3. Мукофотҳо ба таври зерин тақсим карда мешаванд:

- аз рӯи натиҷаҳои Марҳилаи 1 — дар ҳар як минтақа 1 (як) сабикаи тиллоӣ бо вазни 5 грамм дода мешавад;
- аз рӯи натиҷаҳои Марҳилаи 2 — дар ҳар як минтақа 1 (як) сабикаи тиллоӣ бо вазни 10 грамм дода мешавад;
- аз рӯи натиҷаҳои Марҳилаи 3 — дар ҳар як минтақа 1 (як) сабикаи тиллоӣ бо вазни 20 грамм дода мешавад.

## 7. Огоҳонӣ ва супоридани бурдҳо

7.1. Ғолибон аз ҷониби Бонк тавассути маълумоти тамосӣ, ки дар низоми Бонк нишон дода шудаанд, огоҳ карда мешаванд.

7.2. Дар ҳолате, ки Иштирокчӣ ғолиби Аксия эътироф гардад, ӯ ӯҳдадор аст барои гирифтани бурд дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи огоҳ намудани ӯ аз ҷониби Ташкилкунанда ҳозир шавад. Дар сурати ҳозир нашудани Иштирокчӣ дар мӯҳлати муқарраршуда, ҳуқуқи гирифтани бурд аз даст меравад. Дар ин ҳолат, бурд ба Иштирокчии навбатӣ, ки тибқи рейтинг мутобиқи банди 5.4-и ҳамин Низом муайян гардидааст, дода мешавад.

7.3. Маълумот дар бораи ғолибон ва натиҷаҳои Аксия дар сомонаи расмии Ташкилкунанда https://eskhata.com ва ё дар воситаҳои ахбори омма бо гирифтани розигии иштирокчиён ҷойгир карда мешавад.

7.4. Бурд ба ғолиби Аксия шахсан ё ба намояндаи қонунии ӯ дар сурати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор супорида мешавад.

7.5. Ҳангоми муайян намудани ғолибони Аксия, Ташкилкунанда аз усулҳо ё барномаҳое, ки метавонанд натиҷаҳоро пешакӣ муайян намоянд, истифода намебарад.

7.6. Барои бо сифат, беғаразона, софдилона ва шаффоф гузаронидани маросими бурди Фонди тӯҳфаҳо, аз тарафи Ташкилкунанда комиссия аз ҳайати кормандони Бонк, иборат на кам аз 5 нафар ташкил карда мешавад. Ҳайати комиссия аз тарафи Раиси Раёсати Бонк тасдиқ мегардад.

7.7. Комиссия бевосита маросими бурди Фонди тӯҳфаҳоро мегузаронад ва ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои маросимро дар пайнавишт қайд мекунад.

7.8. Ҳангоми супоридани бурдҳо андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҷониби Ташкилкунанда пардохт карда мешавад..

7.9. Ғолиби Аксия пас аз гирифтани бурд дар шакли сабикаи тилло ҳуқуқ дорад онро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бозпас фурӯшад.

7.9.1. Бозпас фурӯхтани сабикаҳои тилло метавонад ба Бонки миллии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

7.9.2. Тартиб, шарт ва нархи бозхариди сабикаҳои тилло аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар лаҳзаи анҷом додани амалиёт муайян карда мешаванд.

7.9.3. Ташкилкунандаи Аксия барои шартҳо ва тартиби бозпас фурӯхтани сабикаҳои тилло масъулият надорад.

## 8. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Ташкилкунанда ва иштирокчиёни аксия

8.1. Иштирок дар Аксия маънои онро дорад, ки Иштирокчӣ бо Низомномаи мазкур пурра розӣ мебошад. Ҳамчунин бо иштирок дар Аксия, Иштирокчӣ розигии худро барои коркарди маълумоти шахсии худ аз ҷониби Ташкилкунанда мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва шартҳои Низомномаи мазкур изҳор менамояд.

8.2. Ғолиби Аксия барои гирифтани бурд бояд ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро пешниҳод намояд (ва ё ваколатномаро), инчунин ба таври хаттӣ гирифтани тӯҳфаро тасдиқ намояд.

8.3. Бо мақсадҳои рекламавӣ ва бо гирифтани розигии хатии ғолибони Аксия, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад ному насаби ғолибони Аксияро интишор намояд (рақами телефон ва дигар маълумотҳо эълон карда намешаванд) ва/ё бо тӯҳфаи бурдкардаашон ба навор гирифта/ё фотосессия гузаронида, онро дар сомонаи расмии Ташкилкунанда, ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир намояд.

8.4. Дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ гардидани Аксия (дар ҳолати ғайричамдошта аз Бонк новобаста), муайян намудани ғолибон ва супоридани бурдҳо минбаъд анҷом дода намешавад. Дар ин ҳолат Ташкилкунанда ухдадор аст Иштирокчиёнро на камтар аз 3 (се) рӯз пеш аз санаи қатъ гардидани Аксия тавассути ҷойгир намудани маълумот дар сомонаи расмии худ ва/ё дар воситаҳои ахбори омма огоҳ намояд ба истисноии ҳолатҳои форс-мажорӣ.

8.5. Ташкилкунанда ухдадор аст қоидаҳои асосии Аксияро (замимаи 1) дар Сомона пеш аз оғози Аксия, ҷойгир намояд.

8.6. Ҳамаи баҳсҳо байни Ташкилкунанда ва Иштирокчиёни Аксия, ки ба гузаронидани Аксия вобастаанд, тавассути гуфтушунид ҳал карда мешаванд. Дар ҳолати ба мувофиқа

нарасидан, баҳс мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

8.7. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад натиҷаҳои Иштирокчиро дар ҳолати ошкор шудани нишонаҳои қаллобӣ ё сӯиистифода аз шартҳои Аксия бекор намояд. Ҳамчунин, пас аз гузаронидани аудит ё дигар санҷишҳо, дар ҳолати ошкор шудани қонуншиканӣ, сӯиистифода ё амалиётҳое, ки ҳамчун қаллобӣ эътироф шудаанд, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад бурдро бекор намуда, баргардонидани онро талаб намояд.

8.8. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад аз Иштирокчӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳоеро, ки амалиётҳои анҷомдодаро тасдиқ менамоянд, талаб кунад ва ҳамчунин рейтингро аз нав ҳисоб намояд.

8.9. Ташкилкунанда метавонад қоидаҳои Аксияро тағйир диҳад. Дар ин ҳолат, нусхаи навшудаи қоидаҳо дар сомонаи расмӣ ҷойгир карда мешавад.

8.10. Қарорҳои Ташкилкунанда вобаста ба гузаронидани Аксия, муайян намудани ғолибон ва мутобиқати Иштирокчиён ба шартҳои Аксия ниҳоӣ мебошанд.

## 9. Масъулият ва назорат

9.1. Масъулият барои гузаронидани Аксия ба зиммаи Блоки Тиҷорати чакана вогузошта мешавад.

9.2. Назорат аз рӯи риояи шартҳо ва дурустии гузаронидани Аксия ба зиммаи аъзоёни Комиссия вогузор карда мешавад.

9.3. Аъзоёни Комиссия бояд бо Низомномаи мазкур шинос бошанд.

9.4. Ташкилкунанда барои ҳолатҳои зерин масъул намебошад:

- 9.4.1. барои бо шартҳои аксия шинос намудани иштирокчиёни аксия;
- 9.4.2. барои сари вақт иштирок кардан дар аксия ва гирифтани бурдҳо аз тарафи Иштирокчиёни аксия;
- 9.4.3. барои дигар ҳолатҳое, ки берун аз ҳадди назорати Ташкилкунанда мебошад;
- 9.4.4. барои ғайриимкон гардидани гузаронидани Аксия ё супоридани бурдҳо бинобар ҳолатҳои форс-мажор.

Замимаи №1

## Тақсимоти филиалҳои ҶСК «Бонки Эсхата» аз руи минтақаҳо

| Номгуи минтақаҳо | Тақсимоти филиалҳо аз руи минтақаҳо |
|---|---|
| ш. Душанбе | Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Душанбе<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Душанбе н.Сино1<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Душанбе н.Сино2<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Душанбе н.Фирдавси<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Душанбе н. Шохмансур |
| НТҶ | Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Рудаки<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Вахдат<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Вахдат-2<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Турсунзода<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Хисор |
| Хатлон ва ВМКБ | Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Бохтар<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Кулоб<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Восеъ<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Ҷайхун<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Ёвон<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Дангара<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Вахш<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Ҷ. Балхи<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Шахритус |
| Суғд | Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Хучанд<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Б. Гафуров<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Мастчоҳ<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Бустон<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Ашт<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Ҷ.Расулов<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар н. Спитамен<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Исфара<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Конибодом<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Истаравшан<br>Филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Панҷакент<br>Идораи амалиетии ҶСК «Бонки Эсхата» дар ш. Хучанд |

# Қоидаҳои асосии иштирок дар Аксия

1. Иштирокчии Аксия бояд муштарии ҶСК «Бонки Эсхата» бошад ва дорои корти дебетии Бонк бошад. Кормандони Бонк ва шахсони вобаста дар Аксия иштирок намекунанд.
2. Бо иштирок дар Аксия, Иштирокчӣ розигии худро барои коркарди маълумоти шахсии худ аз ҷониби Ташкилкунанда мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ва шартҳои Низомномаи мазкур изҳор менамояд.
3. Иштирок дар Аксия ба таври автоматӣ сурат мегирад ва бақайдгирии иловагиро талаб наменамояд.
4. Муҳлати гузаронидани Аксия: аз 15 майи соли 2026 то 14 августи соли 2026 мебошад.
5. Аксия дар шакли марҳилаҳо баргузор мегардад:
   - Марҳилаи 1: аз 15 майи соли 2026 то 14 июни соли 2026;
   - Марҳилаи 2: аз 15 июни соли 2026 то 14 июли соли 2026;
   - Марҳилаи 3: аз 15 июли соли 2026 то 14 августи соли 2026.

   Муҳлати ҷамъбасти натиҷаҳо аз рӯи ҳар як марҳилаи Аксия:
   - барои Марҳилаи 1 — аз 20 июн то 30 июни соли 2026;
   - барои Марҳилаи 2 — аз 20 июл то 31 июли соли 2026;
   - барои Марҳилаи 3 — аз 20 август то 31 августи соли 2026.
6. Барои иштирок дар Аксия ва роҳ ёфтан ба интихоби ғолибон, Иштирокчӣ бояд дар давоми марҳилаи дахлдори Аксия:
   - интиқоли(ҳо)-и воридотии фаромарзиро ба корти дебетии Бонк ба маблағи на камтар аз 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ дар маҷмӯъ дар давраи баргузории Аксия гиранд;
   - амалиётҳоро бо истифода аз корти дебетии Бонк (бо роҳи ҳисоббаробаркунӣ аз суратҳисоб) анҷом диҳад;
   - амалиётҳоро ба маблағи на камтар аз 100 (сад) сомонӣ барои ҳар як амалиёт анҷом диҳад.
7. Дар Аксия амалиётҳои зерини ғайринақдӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд:
   - пардохт тавассути POS-терминалҳо;
   - пардохт тавассути QR-и ягона;
   - пардохтҳои E-commerce (пардохт дар сомонаҳо);
   - пардохтҳо тавассути барномаи мобилии «Эсхата Онлайн» бо истифода аз корти бонкӣ.
8. Дар доираи Аксия дар як POS-терминал дар давоми як рӯз на бештар аз 3 (се) амалиёт ба ҳисоб гирифта мешавад.
9. Амалиётҳои зерин дар Аксия ба ҳисоб гирифта намешаванд:
   - гирифтани пули нақд;
   - интиқол байни кортҳо;
   - амалиётҳое, ки баъдтар бекор шуда, маблағашон баргардонда мешавад;
   - амалиётҳое, ки ҳамчун қаллобӣ муайян шудаанд;
10. Иштирокчиёни Аксия ба 4 (чор) минтақа тақсим карда мешаванд. Минтақа аз рӯи филиале муайян карда мешавад, ки корт дар он ҷо бароварда шудааст.

11. Ҳар як иштирокчӣ метавонад танҳо дар як минтақа иштирок намояд. Агар муштарӣ якчанд кортҳо дошта бошад, ки аз филиалҳои гуногун ба даст оварда шудаанд, ӯ ба минтақаи филиале вобаста карда мешавад, ки корти аввали муштарӣ дар он ҷо бароварда шудааст.
12. Дар ҳар як марҳилаи Аксия дар ҳар як минтақа 1 (як) ғолиб муайян карда мешавад.
13. Фонди тухфаҳои Аксия — сабикаҳои тилло мебошанд.
14. Тухфаҳо ба тартиби зерин бурд карда мешаванд:
    - пас аз ҷамъбасти Марҳилаи 1— дар ҳар як минтақа 1 (як) сабикаи тилло бо вазни 5 грамм;
    - пас аз ҷамъбасти Марҳилаи 2 — дар ҳар як минтақа 1 (як) сабикаи тилло бо вазни 10 грамм;
    - пас аз ҷамъбасти Марҳилаи 3 — дар ҳар як минтақа 1 (як) сабикаи тилло бо вазни 20 грамм.
15. Аз байни иштирокчиёне, ки шартҳои Аксияро иҷро кардаанд, ғолиб он нафар интихоб карда мешавад, ки бештар амалиёт анҷом додааст. Агар ду ё якчанд иштирокчӣ шумораи якхелаи амалиёт дошта бошанд, ғолиб нафаре ҳисобида мешавад, ки маблағи умумии амалиётҳо зиед бошад.
16. Иштирокчие, ки дар назди Бонк аз рӯи маҳсулоти амалкунанда қарзи муҳлатгузашта дорад, дар лаҳзаи муайян намудани ғолибон наметавонад ғолиби Аксия эътироф карда шавад.
17. Бонк ғолибонро тавассути маълумоти тамосие, ки дар низоми Бонк мавҷуд аст, огоҳ мекунад.
18. Барои гирифтани бурд, ғолиб бояд дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи огоҳ шудан ба Бонк муроҷиат намуда, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсиятро пешниҳод намояд.
19. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад Аксияро пеш аз муҳлат, бо сабабҳое, ки аз ӯ вобаста нестанд, қатъ намояд. Дар ин ҳолат, маълумот пешакӣ (на камтар аз 3 рӯз) дар сомонаи расмии Ташкилкунанда ва/ё дар ВАО нашр карда мешавад.
20. Тухфаҳо дар шакли пулӣ дода намешаванд ва иваз кардани онҳо иҷозат дода намешавад.